آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

3 феврали соли 2021. Чоршанбе

№ 10 (14711)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО ҲАЙАТИ ПОКИСТОН МУЛОҚОТ НАМУД



***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 феврал мушовири Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Абдулраззоқ Довудро қабул кард.***

Зимни суҳбат дар бобати истиқболи инкишофи ҳамкории муфиди тарафайни байни Ўзбекистон ва Покистон табодули афкор ба амал омад.

Тавре ки роҳбари давлати мо таъкид кард, сарфи назар аз пандемия робита ва табодул фаъол идома дошта, ин пеш аз ҳама барои боз ҳам васеъ гардидани ҳамкории амалии ду мамлакат мусоидат менамояд. Ҳаҷми табодули амвол афзуда, теъдоди лоиҳаҳои муштараки ширкатҳои бузург зиёд мегарданд.

Абдулраззоқ Довуд ба Президенти Ўзбекистон барои ташкили мулоқот миннатдории самимӣ изҳор намуд ва паёму беҳтарин таманноҳоро аз номи Сарвазири Покистон Имрон Хон расонд.

Мушовир таъкид кард, ки дар Покистон ташаббусро дар бораи пеш бурдани лоиҳаи сохтмони роҳи оҳан аз тариқи ҳудуди Афғонистон олӣ арзёбӣ менамоянд ва дастгирӣ мекунанд, ки он бо роҳҳои кўтоҳтарин Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро ба ҳам пайваста, имконият медиҳад, ки ба бандарҳои баҳрии Покистон баромада, инфрасохтори онро босамар ба кор мебаранд.

Инчунин дигар масъалаҳои муҳими мавзўи иқтисодии муштарак баррасӣ гардиданд.

Дар бобати баррасии имконоти афзудани молкашонии автомобилӣ ва ҳавоӣ, омода намудани қарордод дар бобати савдои преференсиалӣ, табодули таҷрибаҳо дар заминаи кори гумрук, фаъолсозии гуфтугўи тиҷоратӣ ва баргузор намудани чорабиниҳои корчаллонӣ аҳду паймон ба амал омад.

Ҷадвали мулоқотҳо ва робитаҳои оянда дар дараҷаҳои олӣ ва баланд ҳамоҳанг гардонда шуданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## САРВАЗИРИ ПОКИСТОН БА ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН МАКТУБ ИРСОЛ НАМУД

***Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

Аълоҳазрат!

Шумо ва халқи бародари Ўзбекистонро самимона шодбош мегўям.

Покистон ва Ўзбекистонро муносибати қарин мепайвандад, ки ба муштаракоти маданӣ, динӣ ва анъанот асос меёбад. Равобити таърихӣ ва маданӣ қисми ҷудонопазири худшиносии миллии мо ба шумор меравад. Ба шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро мардуми мо бо эҳтироми зиёд муносибат доранд.

Қатъиян боварӣ дорам, ки барои тараққиёт ва шукуфоии мамлакатҳоямон мо бояд муносибати тиҷоратии дуҷонибаро васеъ намуда, шарикии иқтисодиро мустаҳкам созем. Минтақаи мо молики захираҳои фаровони инсонӣ ва табиӣ мебошад. Мо бояд аз ҳамдигарро пурра сохтани иқтисодиётамон бо мақсади пурзўр намудани алоқамандии минтақавӣ дар тамоми ҷанбаҳо муфид истифода барем.

Зимни ташрифи ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Покистон моҳи сентябри соли 2020 дар бобати ташкил намудани Гурўҳи муштараки корӣ оид ба масъалаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва дар муддати наздик баргузор намудани ҷамъомади якуми он дар Тошканд аҳду паймон ба вуҷуд омадааст.

Бо қаноатмандӣ мехоҳам таъкид намоям, ки зимни ташрифи мушовири ман оид ба савдо ва сармоя ба Ўзбекистон, ба ғайр аз масъалаҳои савдои дуҷониба, истиқболи инкишофи даҳлезҳои роҳи оҳан, ҳамкориҳо дар бахши бонк, дар соҳаҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ баррасӣ хоҳанд гардид.

Ин ташриф барои минбаъд пеш рафтан ба сўи мақсадҳои умумии мо имконоти нав фароҳам меорад.

Ман амиқан ҷонибдори корбурди тамоми потенсиали муносибати дуҷониба ҳастам.

Аз Худованд саломатӣ ва хушбахтии Шумо, ҳамчунин пешрафти доимӣ ва шукуфоии мардуми Ўзбекистонро хоҳонам.

Аълоҳазрат, итминони эҳтироми маро амиқ қабул фармоед.

**Имрон ХОН,**
**Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон.**

## ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ҲАЙАТИ АФҒОНИСТОНРО ҚАБУЛ КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 феврал ҳайати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон – вазири корҳои хориҷӣ Муҳаммад Ҳаниф Атмар ва роҳбари Маъмурияти Президенти мамлакат Муҳаммад Шокир Коргарро қабул кард.***

Роҳбари давлати мо мулоқотро кушода, аҳамияти нигоҳ доштани суръати имрўзаи рушди муносиботи тарафайн ва татбиқи амалии муоҳидаҳои олидараҷаи қаблан тавофуқшударо махсус таъкид кард.

Аъзои ҳайати Афғонистон ба пешвои Ўзбекистон барои пазироии самимӣ арзи сипос намуда, инчунин паёми гарму ҷўшон ва беҳтарин таманноҳои Президенти Афғонистон Ашраф Ғаниро расонданд.

Инчунин барои кўшиши қатъии ҷониби Ўзбекистон, ки ба таъмини ҳаёти осуда ва рушди суботнок дар Афғонистон нигаронда шудааст, миннатдории амиқ изҳор гардид.

Натиҷаҳои самараноки ҷамъомади якуми гурўҳи кории сеҷониба оид ба лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани фарогири Афғонистон, ки дар шаҳри Тошканд бо иштироки роҳбарони институтҳои молияи байналхалқии маъруф баргузор гардид, олӣ арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо аҳамияти омодагии зуд ва оғози татбиқи амалии лоиҳаи мазкур, фаъолона ҷалб намудани шарикони хориҷӣ ва сармоягузорониояндаро дар асоси «харитаи роҳ»-и қабулгардида таъкид намуданд.

Ба ғайр аз ин, дар мулоқот масъалаҳои муҳими минбаъд васеъ намудани ҳамкории бисёрҷанбаи Ўзбекистону Афғонистон муҳокима гардиданд.

Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи фароҳам овардани шароити муносиб барои афзун гардондани ҳаҷми табодули амвол ва дар солҳои наздик камаш то ба 2 миллиард доллар расондани он, пурзўрсозии ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика, хоҷагии қишлоқ ва логистика, татбиқи барномаҳои муҳим дар соҳаҳои тандурустӣ, таълим ва маданият меравад.

Дар рафти мулоқот инчунин ҷадвали чорабинӣ ва алоқаҳоиояндаи олӣ ва баланддараҷа баррасӣ шуданд.

**ЎзА.**

## БО РОҲБАРОНИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ТАБОДУЛИ АФКОР БА АМАЛ ОМАД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 феврал бо роҳбарони ҳизбҳои сиёсии мамлакат мулоқот намуд.***

Зимни гуфтугўи ошкоро табодули афкори муфассал аз рўи масъалаҳои баланд бардоштани мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии ҷамъиятамон, вазифаҳои асосӣ, ки дар назди онҳо истодаанд, ба вуқўъ пайваст.

Нақши муҳими ҳизбҳои сиёсӣ дар татбиқи ислоҳоти доманфарох дар ҳаёти давлат ва ҷамъият, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон таъкид гардид.

Дар мамлакатамон ба рушди маҷмўии минтақаҳо, баланд бардоштани некўаҳволии мардум, кам кардани қашшоқӣ эътибори алоҳида нигаронда мешавад. Бисёр барномаҳое, ки масъалаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро фаро гирифтаанд, ба амал татбиқ мегарданд. Дар ҷумлаи бартариноки онҳо инкишофи соҳибкорӣ, таъмини аҳолӣ бо кор муайян гардиданд. Назорати ин кор ба ўҳдаи палатаҳои Олий Маҷлис ва шўроҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ масъулияти калон мегузорад.

Дар вохўрӣ доир ба масъалаҳои инкишофи ҷанбаҳои иҷтимоӣ, хусусан таълим ва тандурустӣ дахолат карда шуд. Аҳамияти аз тариқи депутатҳои худ омўхтани мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар маҳалҳо барои ҳизбҳои сиёсӣ таъкид гардида, доир ба ҳалли онҳо пешниҳодҳо баён гардида, инчунин назорати мутаассири парлумонӣ ва ҷамъиятӣ ба кор андохта шуд.

Дар масъалаи он ки ҳизбҳо боз ҳам фаъолтар бо интихобкунандагони худ, хусусан ҷавонон, занон ва солхўрдагон кор баранд ва барои таъмини онҳо бо манфиатҳои ҳаётан муҳим ҳамдастӣ кунанд, фикри ягона баён гардид.

Иштирокдорон ногузирии фаъолона пеш бурдани мақсадҳои барномавӣ дар парлумон, баёни ташаббусҳои қонунгузорӣ аз тариқи фраксияҳои худ, барқарор намудани назорати таъмини иҷрои қонунҳоро аз ҷониби ҳизбҳо муҳокима намуданд.

Зимни вохўрӣ фикрҳо ва пешниҳодоти амалӣ нисбат ба таҳлили амиқи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар партави талаботи замонавӣ, такомул ва баланд бардоштани самараи кори онҳо баён гардиданд.

Дар мулоқот роҳбарони Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонон – Ҳизби либералию демократии Ўзбекистон, Ҳизби демократии «Миллий тикланиш», Ҳизби халқии демократӣ, Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ва Ҳизби экологӣ, роҳбарияти Сенат ва Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис иштирок намуданд.

**ЎзА.**

## СОХТОРИ УМУМИҶАҲОНИИ МАҚОМОТИ ИНТИХОБОТӢ НИЯТ ДОРАД, КИ МУШОҲИДОНИ БАЙНАЛХАЛҚИРО БА ИНТИХОБОТИ ПЕШИСТОДАИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН РАВОНА КУНАД

***Ба қарибӣ Сафоратхонаи Ўзбекистон дар Куриёи Ҷанубӣ дар Сохтори умумиҷаҳонии мақомоти интихоботӣ (СУМИ) бо иштироки котиби генералии он Чой Ҷонг Хюн «мизи мудаввар» баргузор кард.***

Бояд зикр сохт, ки СУМИ ба сифати созмони байналхалқӣ моҳи октябри соли 2013 бо ситодхонааш дар шаҳри Инчони Куриёи Ҷанубӣ таъсис шудааст. Он сохтори бузургтарини мақомоти идораи интихобот дар тамоми ҷаҳон ба шумор меравад ва Ўзбекистон узви комилҳуқуқи он маҳсуб меёбад. Ҳоли ҳозир СУМИ 115 мақомоти интихоботии 106 кишвар ва ҳудудҳо, ҳамчунин 16 сохтор (созмон)-и минтақавиро ба сифати аъзои ҳамфикр муттаҳид менамояд.

Мақсади асосии СУМИ пешбурди ҳамкории байналхалқӣ бинобар мубодилаи иттилоот ва таҷрибаи созмон, ҳамчунин баргузор кардани интихоботи кушоду шаффоф, дастгирӣ намудани мақомоти интихоботӣ бобати таҳким ва рушди асосҳои ташкиливу ҳуқуқии баргузор кардани интихоботи демократӣ ба шумор меравад.

Дар ҷараёни «мизи мудаввар» ба намояндагони СУМИ доир ба корҳои васеъмиқёсе, ки тўли солҳои охир бинобар минбаъд такмил додани қонунгузории интихоботӣ ва амалиёт дар Ўзбекистон гузаронида мешаванду ба татбиқ сохтани интихоботи ошкоро, ҳақиқӣ ва софдилона нигаронида шудаанд, маълумоти муфассал пешкаш гардид.

Бо мақсади беш аз пеш шинос кардани иштирокдорони чорабинӣ бо низоми интихоботӣ ва қонунгузории Ўзбекистон ҳисоботи Комиссияи марказии интихоботии Ўзбекистон дар шакли рисола «Интихобот – 2019: дастовардҳо, мушкилот, таклифҳо», ки ба интихоботи Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон ва мақомоти маҳаллии намояндагӣ 22 декабри соли 2019 бахшида шудааст, тақдим карда шуд.

Дар доираи мулоқот ба коршиносон ҳамчунин пешниҳодҳои асосии Муроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис аз 29 декабри соли 2020-ум, ҳамчунин маълумоти мукаммал дар бораи чораҳое, ки ҳукумат бобати пешбурди интихобот дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва судиву ҳуқуқӣ меандешад, пешкаш гардид.

Иштирокдорони «мизи мудаввар» маълумотро дар бораи воқеаҳои ҷории Ўзбекистон, ҳамчунин тадбирҳоеро, ки аз ҷониби сарвари давлат бинобар беш аз пеш амиқ сохтани ислоҳот амалӣ мешаванд, бо рағбати зиёд қабул карданд. Бинобар баҳои онҳо роҳбарияти мамлакат амалан «роҳи нави сиёсӣ ва иқтисодӣ»-ро, ки барои рушди бомуваффақияти Ўзбекистон асоси мустаҳкамро таъмин мекунад, эълон кард.

Дар навбати худ Чой Ҷонг Хюн ба сатҳи ҳамкориҳои СУМИ бо Ўзбекистон баҳои баланд дод ва манфиатдориашро аз минбаъд амиқ сохтани ҳамкорӣ бо ҷумҳурии мо, ҳамчунин сафарбар кардани намояндагони худ ба сифати мушоҳидони байналхалқӣ ба интихоботи пешистодаи президентӣ изҳор намуд.

Бинобар ақидаи котиби генералии СУМИ «Ўзбекистон собитқадамона бо роҳи бунёди ҷамъияти демокративу ҳуқуқбунёд меравад. Вай аз он хусус изҳори эътимод кард, ки интихоботи пешистода дар сатҳи баланд мегузарад ва бешубҳа, ба кори минбаъд татбиқ намудани тағйироти демократӣ ва пешрафти мамлакат хидмат менамояд».

Чой Ҷонг Хюн ба Комиссияи марказии интихоботии Ўзбекистон дар гузаронидани ин чорабинии муҳими сиёсӣ комёбӣ орзу кард.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри СЕУЛ.*

## ФАРҒОНА ДОМАНИ ҲАМКОРИҲОЯШРО ВАСЕЪ МЕКУНАД

***Дар вилояти Фарғона корхонаҳои зиёди муштарак арзи вуҷуд намудаанд, ки тавассути ҷалби сармояҳои хориҷӣ бунёд гардидаанд. Ҳокимияти вилоят талош ба харҷ медиҳад, ки домани ҳамкориҳои худро бо кишварҳои хориҷӣ беш аз пеш васеъ бахшад.***

Арабистони Саудӣ аз зумраи давлатҳое хоҳад буд, ки барои бунёди корхонаҳои нав дар ин вилоят сармояҳои худро ворид хоҳад кард. Ин матлаб зимни мулоқоти ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ўзбекистон дар Арабистони Саудӣ Улуғбек Мақсудов матраҳ гардид.

Тавре ки дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят хабар дод, Улуғбек Мақсудов доир ба он ҳарф зад, ки ҳамкориҳои васеъмиқёси миёни Ўзбекистон ва Арабистони Саудӣ беш аз пеш тавсеа меёбанд. Вилояти Фарғона метавонад дар бобати ҷалб намудани сармоя, ба роҳ мондани робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо Арабистони Саудӣ ба дастовардҳо ноил шавад.

Ба роҳ монда шудани муносибатҳои дуҷониба ба манфиати ҳарду ҷониб хидмат хоҳад кард. Татбиқи якчанд лоиҳаи муштарак дар вилояти Фарғона имконпазир гаштааст.

– Дар бозорҳои мамлакатҳои араб, аз ҷумла Арабистони Саудӣ, ба маҳсулоти кишоварзӣ, зарфҳои кулолии Риштон ва атласу адраси ҳунармандони марғелонӣ эҳтиёҷи калон эҳсос мегардад. Дар баробари ин, Фарғона метавонад роҷеъ ба логистика, туризм ва соҳаҳои дигар бо ин кишвар ҳамкориҳои худро ба таври васеъ ба роҳ монад, – гуфт У. Мақсудов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Нуқтаи назари депутат

# КУШОДАДИЛӢ МЕЪЁРИ АСОСИИ ОСОИШ БОШАД, СУЛҲ ГАРАВИ ПЕШРАФТИ БАЛАНД АСТ

***Халқи мо аз азал кушодадил ва меҳмоннавоз буданд. Чунки кушодадилӣ ҷузъи ҷудонопазири маънавият ва фарҳанги мардуми ўзбек аст. Чунин эҳсосоти наҷиб, ба монанди садоқат ба дўст, якдилӣ дар байни мардуми мо ба сатҳи арзиш бардошта шуда, ин анъанаҳо имрўз ҳам идома доранд.***

Дар натиҷаи сиёсати оқилонае, ки дар мамлакати мо бо роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев ҷиҳати таъмини ваҳдат ва ҳамҷиҳатӣ дар байни намояндагони миллату мазҳабҳои гуногун амалӣ карда мешавад, тамоми мазҳабҳои динии Ўзбекистон суннатҳо, урфу одатҳои худро идома медиҳанд. Фазои таҳаммулпазирии тарафайн, меҳрубонӣ ва накўкории дар ҷомеаи мо ҳукмрон барои таҳкими сулҳу амонӣ ва шукуфоӣ хидмат мекунад.

Аз ҷумла, дар «Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2017-2021» низ масъалаи амният, ризоияти байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ ба сифати вазифаи устувор муайян шудааст. Дар натиҷаи тағйироте, ки дар доираи татбиқи Стратегияи амалиёт ба амал омадаанд, механизмҳои рушди минбаъдаи муколамаи байни миллатҳо ва байни динҳо дар кишвари мо такмил дода шуданд.

Имрўзҳо намояндагони 16 конфессияи динии зиёда аз 130 миллату қавмҳои муқими мамлакати мо аз ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари дар Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон муайянгардида истифода бурда, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, илм ва фарҳанг самаранок меҳнат мекунанд.

Мақсади асосии 141 марказҳои фарҳангии миллӣ, ки ҳоло дар мамлакати мо фаъолият доранд, нигоҳ доштани арзишҳои дигар миллатҳои муқими кишварамон, таъмин намудани идомаи урфу одат ва анъанаҳо, тарбияи ҷавонони мо дар рўҳияи эҳтиром ба фарҳанги халқиятҳои дигар мебошад.

Қабули лоиҳаи қонун «Дар бораи муайян намудани «Рўзи дўстии халқҳо», ки ба қарибӣ дар ҷамъомади навбатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис баррасӣ шуд, бешубҳа ба таҳкими минбаъдаи робитаҳои дўстие, ки халқи мо аз азал гиромӣ медоранд, хидмат хоҳад кард.

Чунки мақсади ин лоиҳаи қонун – ҷашн гирифтани Рўзи дўстии халқҳо – таҳкими ҳамбастагӣ, таҳаммулпазирӣ, ризоияти байни миллатҳо ва рушди минбаъдаи муносибатҳои дўстонаи байни халқҳо, миллатҳо, давлатҳо – қишрҳо ва сохторҳои гуногуни ҷомеа мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии корҳо оид ба таҳкими фазои ризоияти байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ, дар ҳуҷҷат пешниҳод шудааст, ки барои ҳавасмандгардонии меҳнати содиқона иҷрошуда «Рўзи дўстии байналмилалӣ» – 30 июл ҳамчун Рўзи дўстии халқҳо муайян карда шавад.

Дар ин бобат, агар ба таҷрибаи хориҷӣ назар андозем, дар Русия, Белорус, Олмон, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Украина, Қазоқистон ва дигар кишварҳо дар санаҳои гуногун бо номҳои «Рўзи дўстӣ», «Рўзи якдилӣ», «Рўзи якдилии миллӣ» дар доираи таҷлили ҷашнҳои мазкур натиҷаҳои мусбате, ки ба даст оварда шудаанд, қайд карда мешавад ва кормандони соҳа, ки намунаи ибрат нишон додаанд, ҳавасманд карда мешаванд.

Масалан, дар Белорус, Украина, Қазоқистон ва Русия «Рўзи дўстии байналмилалӣ» 30 июл ҷашн гирифта мешавад, аммо таътил эълон карда нашудааст. Дар Қазоқистон бошад, 1 май — «Рўзи ваҳдати халқи Қазоқистон», дар Русия 4 ноябр — «Рўзи якдилии халқ», дар Тоҷикистон 27 июн — «Рўзи ваҳдати миллӣ», дар Олмон 3 октябр — «Рўзи ваҳдати Олмон» ба сифати ҷашни миллӣ рўзи истироҳат эълон шудааст.

Хулоса, имрўз Ўзбекистон аз ҷиҳати кушодадилии динӣ ва муколамаи байни динҳо барои ҷаҳон намуна аст. Қабули лоиҳаи қонуни мазкур бошад, барои таъмини аҳливу тифоқӣ, ҳамҷиҳатӣ ва осоиштагӣ дар байни намояндагони миллату қавмҳо ва динҳои гуногуни Ўзбекистон хидмат хоҳад кард. Зеро, агар кушодадилӣ меъёри асосии осоиштагӣ бошад, сулҳ гарави пешрафти баланд аст.

**Бахитбай АЛДАМУРАДОВ, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Чанде қабл дар нишасти матбуотие, ки дар Маркази матбуоти миллии пойтахт бо иштироки роҳбарони Вазорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ҷумҳурӣ баргузор гардид, доир ба чорабиниҳое, ки бобати ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷалб кардани аҳолӣ ба амал татбиқ мегарданд, ҳамчунин, вазифаҳое, ки соли равон бояд бино ба Мурочиатномаи Президент ба Олий Маҷлис дар ин соҳа анҷом дода шаванд, табодули афкор ба амал омад.***

# ДАР РОҲИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ

Тавре ки дар гирдиҳамоӣ таъкид гардид, соли равон ҷалби аҳолӣ ба навъҳои оммавии варзиш 25 фоизро ташкил хоҳад дод. Ин нишондиҳанда соли сипаригардида 19 фоизро ташкил дода буд. Дар 9 шаҳр ва 26 деҳоти дурдасти ҷумҳуриамон, бо назардошти имконият ва интихоби навъи варзиш аз ҷониби наврасону ҷавонон 36 мактаби варзиш қомат хоҳад афрохт, ба 30384 нафар наврасу ҷавонони ҷалбгардида 540 нафар мураббӣ машғулот мегузаронанд.

Аҳолии бузургсол ва ҷавонони бешуғл низ ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷалб карда мешаванд. Пешбинӣ шудааст, ки онҳо (беш аз 352 ҳазор) дар иншооти варзишии мактабҳои таълими ҳамагонӣ бо машғулот фаро гирифта хоҳанд шуд. Дар шаҳр ва марказӣ ноҳияҳо роҳҳои махсуси пиёдагард ва велосипедронҳо сохта мешаванд.

Дар Мурочиатнома омадааст, ки барои бо таҷҳизоти варзишӣ таъмин намудани 70 муассисаи тарбияи ҷисмонӣ 16 ҳазор кўдакистон ва мактабҳо аз буҷети давлатӣ 100 миллиард сўм ҷудо карда мешавад. Дастгирии наврасону ҷавонон, иҷрои вазифаҳои бузург дар соҳаи тиб ва дигар соҳаҳо риояи қонун, адолати иҷтимоӣ ва покию ҳалолиро тақозо менамояд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

*Дар боғи «Экопарк»-и ноҳияи Бўка бо ташаббуси шуъбаи таълими халқ чорабинии фарҳангиву бадеӣ доир ба 5-ташаббуси Президент баргузор гардид.*

*Дар он ҳамаи мактабҳои тобеи шуъба бо иштироки хонандагон овезаҳои рассомӣ, дўзандагӣ, маҳсулоти дастӣ, китобҳоро ба растаҳо гузоштанд. Байни хонандагон мусобиқаҳои варзишӣ: тенниси рўйи миз, дастгардонӣ, футбол, волейбол шоҳмот-шашка, озмунҳои рассомӣ, шеърхонӣ, байтбарак, сурудхонӣ, рақс ва ғайра баргузор шуданд.*

*Дар охир иштирокчиёни фаъол, ғолибон ва ҷоизадорони «Ҷоми ҳоким», ки доир ба математика гузаронда шуда буд, бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравии ташкилотчиён сарфароз гардонда шуданд.*

***Дар сурати поён:** лавҳа аз чорабинӣ.*

***Суратгир: М. ҚОДИРЗОДА.***



*ВАО Арабистони Саудӣ:*

# Ўзбекистон оид ба тағйир додани соҳаи энергетикӣ нақшаи азимро амалӣ мекунад

***Сафари ҳайати баландпояи Арабистони Саудӣ ба Ўзбекистон ва оғози лоиҳаҳои энергетикии ширкати ACWA Power дар кишвари мо дар васоити ахбори оммаи араб ва байналмилалӣ васеъ инъикос карда мешавад.***

Рўзномаи «Аш-Шарқ ал-Аусат» менависад, ки маросими оғози сохтмони нерўгоҳи ҳароратӣ дар шаҳри Ширини вилояти Сирдарё бо иқтидори 1500 МВт ва имзои ду созишнома дар бораи хариди нерўи барқ ва созишномаи сармоягузорӣ барои бунёди ду нерўгоҳи барқии бодӣ дар вилоятҳои Бухоро ва Навоӣ бо иқтидори умумии 1000 мегаватт бо ҳузури аъзои ҳукумати Ўзбекистон ва вазири сармоягузории Арабистони Саудӣ Холид ал-Фалеҳ баргузор шуд.

Қайд карда мешавад, ки татбиқи ин се лоиҳаи ACWA Power бо арзиши 2,5 миллиард доллари ИМА ба вусъати зарурии иқтидори энергетикии Ўзбекистон ҷавобгў хоҳад шуд, зеро интизор меравад, ки то соли 2030 истеъмоли нерўи барқ ба 110 миллиард кВт / соат мерасад.

Арабистони Саудӣ дар соҳаи энергетика таърихи тўлонӣ ва мавқеи пешсафи ҷаҳонӣ дорад, ки бо ин манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар шоҳигарӣ молики барномаҳои азим ва оянда умедбахш, алалхусус дар партави манбаъҳои фаровони энергияи офтоб, нерўи бод ва таҷрибаи рақобатпазир барои таҳияи ин барномаҳо мебошад.

«Аш-Шарқ ал-Аусат» суханони раиси раёсати ширкати ACWA Power Муҳаммад Абунаёнро меорад. Ў изҳор намудааст, ки намояндагони ин ширкати пешрафтаи Арабистони Саудӣ шарафманданд дар татбиқи нақшаи азими Ўзбекистон мутобиқи Созишномаи ҷории ҳамкории дуҷониба оид ба беҳтар кардани соҳаи энергетикӣ нақши назаррас бозанд.

Нашри «Constructionweekonline.com» қайд менамояд, ки лоиҳаи нерўгоҳи гармии барқии Сирдарё нерўи гази тозатар, самаранoктар ва рақобатпазирро таъмин хоҳад кард, ки дар тамоми соҳаҳо истифода шуда метавонанд ва интизор меравад, ки 15 фоизи талаботи нерўи барқи Ўзбекистонро қонеъ мегардонад.

Созишномаҳои сармоягузории баимзорасида афзоиши нақши Ўзбекистон дар бозори ҷаҳонии энергетикӣ, пайравии он ба амнияти энергетикӣ ва истифодаи технологияҳои навтаринро инъикос мекунанд, қайд менамояд нашрия.

ACWA Power дар навбати худ ба нақша гирифтааст, ки дар марҳилаи сохтмон ва истифодаи иншооти энергетикии бодӣ ба 1000 корманди маҳаллӣ кор омўзонад ва ихтисосашонро такмил диҳад, тавассути мубодилаи донишҳо ва ташкили ҷойҳои корӣ арзиши дарозмуддати иҷтимоию иқтисодиро ба вуҷуд орад.

Агентии хабаргузории Арабистон менависад, ки «муҳити тиҷорат дар Ўзбекистон аз афзоиши имкониятҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетика, хўроквориӣ ва саноати маъдан, масолеҳи сохтмонӣ, электроника, технологияҳои иттилоотӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо далолат медиҳад».

**АИ «Дунё».**

# БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲОИ ЗИЁД ПЕШБИНӢ ШУДААНД

***Фарҳангистон бадеии Ўзбекистон соли 2020-ро хеле хуб натиҷагирӣ намуд. Ба хотири ривоҷ додани санъати тасвирӣ ва амалӣ, беҳбуди намудҳои гуногуни дизайн, баланд бардоштани сифати таълими академияи бадеӣ ва амсоли он корҳои зиёд ба сомон расонида шуданд. Раиси Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон Акмал Нур перомуни ин ва вазифаҳое, ки дар соли нави 2021 муқаррар шудаанд, дар нишасти матбуотӣ маълумот дод.***

Тавре ки вай гуфт, барои беҳбуди кори Фарҳангистони бадеӣ ва ниҳодҳое, ки марбути он мебошанд, як қарори сарвари давлат ва се қарори Девони Вазирон содир шудааст.

– Мо тамоми корҳои минбаъдаамонро бар асоси ҳамин қарорҳо роҳандозӣ хоҳем кард. Соли 2021 – Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ эълон шудааст. Бо мадди назар гирифтани он мо дар ин сол пуштибонии ҷавонони эҷодкор ва соҳибистеъдодро аз авлавиятҳои кору фаъолияти худ қарор додем, – изҳор кард Акмал Нур.

Вай афзуд, ки моҳи апрел баргузор намудани фестивали анъанавии “Санъати тасвирӣ ва амалӣ” мисоли равшани ин гуфтаҳо мебошад. Дар ин фестивал ҷавонони лаёқатнок бо маҳсули эҷоди худ ширкат мекунанд. Гузашта аз ин, таҳти унвони “Пайравони Камолиддин Беҳзод” доир намудани озмуни васеъмиқёс пешбинӣ шудааст, ки дар он хоҳишмандон бо асарҳои миниатюрӣ ва санъати амалии худ иштирок карда метавонанд.

– Дар айни ҳол роҳандозии озмунҳо аз тариқи онлайн ба ҳукми анъана даромадааст. Мо дар ин росто лозим донистем як сабқати ҷавононро ташкил намоем ва дар он эҷодкоронеро фаро хонем, ки ҳамватанони моянд, вале дар хориҷ аз кишварамон ба сар мебаранд.

Мувофиқи қарори сарвари давлат ташкил намудани мактаби олии рассомии ба номи Павел Бенков ва бар асоси меъёрҳои ҷаҳонӣ мустаҳкам намудани пойгоҳи моддӣ ва техникии он барномарезӣ шудааст. Дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ сохтмони нигористонҳои санъат идома дорад. Соли равон вилоятҳои Фарғона ва Ҷиззах соҳиби чунин нигористонҳо хоҳанд шуд.

Зикр гардид, ки дар ҷараёни сол аз тарафи Фарҳангистони бадеӣ барои сазовор таҷлил намудани 80-солагии Қаҳрамони Ўзбекистон Абдулло Орипов ва Нависандаи халқии Ўзбекистон Ўткир Ҳошимов, 85-солагии Артисти халқии Ўзбекистон Ботир Зокиров корҳои омодагирӣ вусъат ёфтаанд. Дар баробари ин, 110-солагии ҳунарпешаи халқии Ўзбекистон Олим Хўҷаев ва Сойиб Хўҷаев, ҷашнвораи ёдбуди Нависандаи халқии Ўзбекистон Саид Аҳмад, 100-солагии олимони маъруф Саъдӣ Сироҷиддинов ва Иброҳим Ҳамробоев, 70-солагии Ходими шоистаи Ўзбекистон шоир Шавкат Раҳмон ба таври васеъ ҷашн гирифта хоҳанд шуд.

Ҷанбаи дигари кори моро муносиб истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии истиқлолияти Ўзбекистон ташкил медиҳад, ки он ба сифати санаи муҳими таърихӣ эътироф шудааст. Зимни иҷрои вазифаҳо пиёда кардани чорабиниҳое пешбинӣ шудаанд, ки мазмун ва моҳияти истиқлолияти Ватанамон, аҳамияти таърихии он ва дастовардҳои сӣ соли охирро равшану возеҳ мунъакис месозанд, – иброз дошт раиси Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири “Овози тоҷик”.**

## ХАБАРҲО

### «РЎЗИ ДАРҲОИ КУШОД»

***Аз ҷониби муассисаҳои таълими олӣ ва литсейҳои академӣ дар вақтҳои муайяни сол барои мактабиён ташкил кардани «Рўзи дарҳои кушод» ба анъана даромадааст.***

Барои хонандагони синни болоии дабистонҳо ду хел имконият мавҷуд: идомаи таҳсил дар синфҳои X-XI ё ҳуҷҷат супурдан ба литсейҳои академӣ.

«International House Tashkent» воқеъ дар пойтахт, ки дар ҳузури Донишкадаи ирригатсия ва муҳандисони механизатсияи хоҷагии қишлоқ ташкил ёфтааст, аз литсейҳои бонуфуз дар ҷумҳурӣ буда, 25 сол инҷониб самаранок фаъолият мебарад. Дар ин муддат ин даргоҳи маърифатро бештар аз 5 ҳазор толибилмони иқтидорнок хатм намудаанд. Ҳар сол 90-95 фоизи хатмкардагон ба муассисаҳои таълими олӣ дохил мешаванд.

Ба «Рўзи даргоҳи кушод»-е, ки ин бор ташкил гашт, бештар аз 1500 нафар толибони илм аз дабистонҳои таълими умумии ноҳияи ба номи Мирзо Улуғбеки пойтахт ҷалб гардиданд. Мутасаддиён оиди чаҳор самти таълимие, ки ин ҷо пеш бурда мешавад, маълумотҳо доданд ва ба саволҳои иштирокдорон ҷавобҳо гардонданд. Қайд карда шуд литсейи мазкур ба литсейҳои пешбари як қатор кишварҳои хориҷӣ, минҷумла литсейи назди Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналхалқии Маскав ҳамкорӣ менамояд. 40-45 фоизи хатмкардагон дар донишгоҳҳои нуфузноки кишварҳои мутараққӣ таҳсил менамоянд. Барои мактаб не, барои ҳаёт таҳсил менамоем,мегўянд муҳассилони «интерҳаус». Дар маскани таълим, ки бо 15 кишвари хориҷӣ муносибат дорад, мутахассисон аз давлатҳои рушдёфта низ машғулият мегузаронанд, гуфта шуд дар «Рўзи дарҳои кушод».

### «Ҳафт дарахт» дар пойтахт

***Масъалаҳои вобаста ба солимӣ ҳамеша долузарбанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «табиат мекунад моро табобат», вале аз неъматҳои табиӣ, гиёҳҳои шифобахш, меваҷот ва сабзавоти сервитамин сари вақт истеъмол кардан на ҳамеша даст медиҳад.***

Дар пойтахт фурўшгоҳе ташкил ёфт бо унвони «Севен-трее». Маънои луғавии ин ибора – «Ҳафт дарахт».

Дар ин ҷо дорувор ва воситаҳои давоие ба фурўш бароварда мешавад, ки асосан аз гиёҳҳои шифобахши дар мамлакатамон рўида омода карда шудаанд.

Вақтҳои охир плантатсияҳое, ки барои парвариши рустаниҳои шифобахш ҷудо шудаанд, васеъ ва маҳсулоти давоие, ки баъди коркард ба дорухонаҳо бароварда мешаванд, серхаридор мегарданд. Ҳабдоруҳои кимёвӣ баробари суд бахшидан ба организм зарар низ расонданашон мумкин, вале доруворӣ аз гиёҳҳо тайёршуда аз ҳар гуна хавф холӣ ва баробари шифобахшӣ ба дарозумрии инсон то андозае мусоидат месозанд.

Менеҷери «Севен-трее» дар маросими кушоиш оиди хусусиятҳои доруворе, ки ба растаҳо гузошта шудаанд, маълумот дод. Чой, ширинӣ, равған, ҷамъ 150 навъ маҳсулоти давоии истеъмолие, ки ин ҷо мавҷуд, бо хушбўии худ низ ҷудо шуда меистанд. Болинчаи аз рустании лаван тайёршуда низ хушбўст. Барои ба меъёр фуровардани фишори баланди хун, рафъи беҳобӣ, ором сохтани асаб сар ба ин болинча гузоред, мушкилиҳо бартараф мешаванд, аз бўйи хуши он ҳузур мекунед.

Дар ин ҷо 10 ҷои нави кор ташкил гашт. «Севен-трее» то охири сол дар ҳудудҳои ҷумҳурӣ кушодани 50 филиали худро ба нақша гирифтааст.

**М.ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

*Огоҳӣ*

***Ходимони профилактика ва назорати ҳолатҳои фавқулоддаи ноҳияи Яккасаройи пойтахт мувофиқи фармоишоти Вазорати вазъиятҳои фавқулодда «Доир ба чорабиниҳои пешгирии ҳолатҳои заҳролудшавӣ аз бўй (дуд)-и газ ва аснои мубодилаи газу ҳаво ба амал омадани ҳолатҳои таркиш» корҳои назоративу фаҳмондадеҳиро дар байни аҳолӣ ба роҳ мондаанд.***

# Аз заҳролудшавӣ худро эҳтиёт намоем!

Аксар рўзҳои хунуки зимистон ба мақсади гарм кардани хонаи мардум аз газ, ҳезум, ангишт ва воситаҳои электрӣ истифода мебаранд. Ҳангоми нодуруст истифода бурдан аз печ, пурра насўхтани ҳезум, ангишт, газ бўйи газ ҳосил мегардад. Он беранг ва заҳрнок мебошад. Бўйи газ бо роҳи нафас ба организми инсон дохил мешавад. Ин газ мувофиқи ҳаҷми иҳота ба шахс ба таври сабук ва вазнин таъсири худро мегузаронад.

Дар ҳолати аввал ҷабрдида аз дарди сар, торикии пеши чашм, шав-шуви гўш, тез-тез задани дил бероҳат мешавад. Дар ҳолати дуюм, ки он хавфноктар аст, хоб мебарад, тез-тез задани раг, нафасгирии рўякӣ мушоҳида мегардад ва ҷабрдида аз ҳуш рафта, рагҳо кашиш мехўранд. Агар сари вақт ёрии аввалини тиббӣ расонда нашавад, ин ҳолат инсонро ба ҳалокат меорад. Аз ин рў, ходимони профилактика ва назорати ҳолатҳои фавқулоддаи ноҳияи Яккасарой дар маҳаллаҳо бо аҳолӣ корҳои ташвиқотӣ мебаранд. Ҳолати мўрӣ, газ, асбобҳои барқии гармидиҳиро аз назар гузаронида, бобати эҳтиёткорӣ ба аҳолӣ маслиҳатҳои муфид медиҳанд.

**А.НАБИЕВ, роҳбари профилактика ва назорати ҳолатҳои фавқулоддаи ноҳияи Яккасарой.**

# ДАР САМАРҚАНД ИСТГОҲИ САЙЁҲӢ ФАЪОЛИЯТИ ХУДРО ОҒОЗ КАРД

***Бо мақсади фароҳам овардани шароит барои сайёҳон дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти вилоят ва шаҳри Самарқанд, Садорати рушди сайёҳии вилоят дар вокзали роҳи оҳани Самарқанд истгоҳи туристӣ таъсис ёфт.***

Дар истгоҳи сайёҳӣ, ки аз ҷониби фирмаи сайёҳии «Shaxrizada Sam Star tur» ташкил карда шудааст, ба меҳмонон дар бораи воситаҳои нақлиёт, гид-тарҷумонҳои соҳибихтисос, инчунин, меҳмонхона ва ресторанҳо маълумоти ройгон дода мешавад. Сайёҳон аз он ҷо метавонанд ба воситаҳои нақлиёт, гид-тарҷумонҳо, меҳмонхона ва ресторанҳоро супориш диҳанд, аз хизмати онҳо истифода баранд. Инчунин, имконияти истифодаи пайнет барои пардохт ва гирифтани SIM-кортҳои махсус мавҷуд аст.

Дар маросими ифтитоҳи истгоҳ, ҷонишини Сарвазир, раиси Кумитаи давлатии рушди сайёҳӣ А.Абдуҳакимов қайд кард, ки ба рушди туризм дар кишвар таваҷҷўҳи хосса зоҳир карда мешавад. Ўзбекистон яке аз ду кишвари ҷаҳон аст, ки лоиҳаҳои сармоягузориро дар соҳаи сайёҳӣ, ҳатто дар ҳолати пандемия амалӣ мекунад.

– Ин оғози кори мо дар ин самт аст ва дар Самарқанд боз ду истгоҳи туристӣ таъсис дода мешавад, – гуфт директори Садорати рушди сайёҳии вилоят Д. Нарзиқулов. – Истгоҳи аввалини туристӣ асосан барои хидмат ба сайёҳони хориҷӣ ва сайёҳон аз минтақаҳои дигари кишвар пешбинӣ шудааст. Истгоҳи туристӣ, ки бояд ба сайёҳони маҳаллӣ хидмат кунад, дар назди мақбараи Амир Темур ҷойгир хоҳад шуд. Истгоҳи сеюми сайёҳӣ дар шафати расадхонаи Мирзо Улуғбек хоҳад буд. Айни замон пешниҳодҳо дар бораи ташкили ин истгоҳҳо омўхта мешаванд.

Дар аввалин истгоҳи туристӣ ба сайёҳон дар бораи агентиҳои сайёҳӣ, роҳҳо, меҳмонхонаҳо, ресторан ва ошхонаҳо бо забонҳои ўзбекӣ, русӣ, англисӣ ва ҷопонӣ маълумот дода мешавад.




– Мақсади мо фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ аст, – мегўяд масъули истгоҳи туристӣ Обид Ҳакимов. – Ҳоло дар истгоҳ барои сайёҳон дар ташкили самарабахши сафар чор хатсайр пешниҳод мешавад. Самти аввал туризми зиёрат, дувум ёдгориҳо ва обидаҳои таърихӣ, сеюм экотуризм, агротуризм, туризми кўҳӣ ва ғайра, чорум сафар ба марказҳои ҳунармандӣ ва ҳунарҳои миллиро дар бар мегирад. Вазифаи асосӣ таъмин кардани бехатарии сайёҳон мебошад.

Дар идомаи чорабинӣ барои журналистон ва блогерҳо ба самтҳои сайёҳӣ инфо-тур ташкил карда шуд. Инчунин, ҷонишини Сарвазир таъкид кард, ки ҷамъомади Ассамблеяи генералии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, ки баргузориаш дар соли 2023 ба нақша гирифта шудааст, мумкин аст дар Самарқанд ташкил гардад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**



Кристина Олмер дар шаҳри Варесеи Итолиё дида ба дунё кушодааст. Дар Фрайбурги Олмон ба ҳайси наққош-фрилансер кор мекунад. Академияи давлатии санъати тасвириро дар Штутгарт (Олмон) ва курси яксоларо бино ба ихтисос дар Флоренсия (Итолиё) хатм кардааст. Наққошиҳои ӯ дар намоишгоҳҳои кишвараш ва хориҷи он ба маъраз гузошта шудаанд, дар бисёр осорхонаҳо бо намунаҳои осори ӯ метавон шинос шуд. Сафарҳои эҷодии наққош ба кишварҳои Осиёи Шарқӣ барояш илҳом мебахшанд. Мавзӯи наққошиҳояш ӯро то ба Фаронса, Венгрия, Ӯзбекистон ва Чин бурдаанд. Ба санъати минётурии Шарқ дилбастагии зиёд дорад.

*Кристина ОЛМЕР:*

# БАРТАРИИ ШУМО ДАР ОН АСТ, КИ НАВОӢ ДОРЕД

Наққош ва ороишгари олмонӣ дар арафаи таҷлили ҷашни 580-умин солгарди зодрӯзи шоир, мутафаккир ва инсонпарвари бузург, поягузори забони адабии ӯзбек — Алишер Навоӣ дар китоби «Wit zur Nachtigall die Liebeslieder gehoren» тасвири ӯро кашидааст. Китоби мазкур маҷмӯаи ғазалҳои Навоӣ ба забони олмонӣ мебошад, ки онро олими шинохта ва тарҷумон, раиси ҷамъияти илмии олмонию ӯзбекистонӣ (DUWG), профессор Хуррам Раҳимов (Тошканд) ва ҳамкори олмонии ӯ, шаҳрванди ифтихории Самарқанд — Габриэле Келлер ба чоп омода хоҳанд кард.

Маҷмӯаро силсиласуратҳои Кристина Олмер оро додаанд. Тасвири пайкаранигории Алишер Навоӣ бо техникаи гуногун офарида шудааст. Бино ба ин ҳодисаи ғайримуқаррарӣ мо тасмим гирифтем, ки бо муаллифи тасвир ва ороишгари китоб Кристина Олмер суҳбате дошта бошем.

**— Кристина, дар Шумо ғояи офаридани тасвири Алишер Навоӣ чӣ хел пайдо шуд ва бо чӣ эҳсос рӯйи ин лоиҳа кор бурдед?**

— Моҳи декабри соли сипаригардида Габриэле Келлер, ки бо густариши санъату фарҳанги Ӯзбекистон сарукор дорад, аз инҷониб хоҳиш кард, ки барои нашри нав — маҷмӯаи ғазалҳои Навоӣ ба забони олмонӣ чанд сурат кашам. Бад-ин тариқ, ба дунболи мавод доир ба ин шахсияти бузург: шоир, меъмор, файласуф ва сӯфӣ гардидам. Ман, ки наққоши касбӣ ҳастам, ин пешниҳод бароям илҳом бахшид. Барои наққоши муосир симоҳои ғайримуқаррариро, ки дар байни онҳо шахсияти Алишер Навоӣ ҷойгоҳи хосса дорад, пеши чашми имрӯзиён намудан шараф ва масъулияти



бузург аст. Ман барои худ паҳлӯҳои нави бадеии шоиру инсонпарвари бузург ва сухантирози нотакрорро, ки ашъораш саршори нафосату зебоиҳост, кашф намудам.

Образи Навоӣ дар ҳамаи асру замон арзише дошт. Ман саъй бинмудам, ки образи ӯро, бино ба бардошти сафарҳои худ ба Осиё, бо усули сеҳрангези классикӣ биофарам. Ман дар он ҷо бо бисёр чеҳраҳои зебо рӯ ба рӯ омадам, бо урфу одати шарқона ошно гардидам, аз рангу манзараҳо, ҳунармандии нотакрор ва бӯйи хуши таомҳои миллӣ лаззат бурдам. Ин ҳама ба наққошиҳоям пайи худро доштанд. Инҷониб дар Ӯзбекистон бо инсонҳои саховатпеша ва меҳмоннавоз вохӯрдам, ки яке аз онҳо Навоӣ буд. Рӯйи ӯ гӯё нур мепароканад. Нигоҳе нарму меҳрубон дорад, ки дар он нигоҳ дониш ва ҷаҳонбинии густурдааш таҷассум ёфтаанд. Гӯиё аз килки ӯ барои мову шумо ва тамоми ҷаҳониён сухани мондагораш метаровад. Симои ӯ барои мо шояд рамзи бунёдкориву офарандагист, ки мегӯяд: шумо ҳам аз ӯҳдаи навиштан, мусиқӣ эҷод кардан, эҷод кардан, дӯст доштан... мебароед.

**— Шумо, ки аз Ӯзбекистон дидан кардаед, чӣ бардоштҳое бо худ доред?**

— Бале, ман соли 2003 дар таркиби ҳайати ҷамъияти илмии олмонию ӯзбекистонӣ (DUWG) дар кишвари шумо будам. Дар Донишгоҳи давлатии ба номи Низомии Тошканд ва Осорхонаи давлатии таърихи фарҳанги Ӯзбекистон намоишгоҳ ва муаррифии наққошиҳои камина баргузор шуда буд. Барои ин сипосгузорам. Ёд дорам, боре шомгоҳ дар шаҳри Бухорои куҳан ва ҳамешаҷавон гаштугузор доштам. Дидам, ки гурӯҳе аз бачаҳо машғули бозии футболанд. Ба онҳо нигариста яке ҳис кардам, ки ман дар ин ҷо хушбахтам. Фикр мекунам, ки барои ман он ҳолат аз лаҳзаҳои беҳтарини ҳаётам буд... Самарқанд мисли афсонаи сеҳрангези 1001 шаб, воқеан, яке аз муъҷизаҳои дунёст...

**— Барои Шумо Самарқанд чӣ қимате дорад?**

— Самарқанди қандманд рамзи орзуҳост. Намедонам, бори дигар дидани он насиб мегардад ё на, вале дар ин шаҳр будан орзуи ҳамешагии ман аст. Бо ёди манзараҳои нотакрори шаҳр, таому хӯришҳои миллӣ, рақсу мусиқӣ ва наққошиҳои минётурӣ дилам гум мезанад...

**— Таманноҳои Шумо ба халқи Ӯзбекистон...**

—Сулҳу осоиш, мувофиқату мутобиқат, тандурустию хонаободӣ, бахту омад мардуми шуморо ҳеч гоҳ тарк нагӯяд. Соли Навоӣ бароятон хушиҳо оварад, балоҳои қазо аз сари ӯзбекистониён дур гардад. Бартарии шумо дар он аст, ки Навоӣ доред. Шеърҳои ӯро хонед, қадамҷоҳояшро зиёрат кунед, ба қавле, нону намакатон кам набошад!

**Анатолий ИОНЕСОВ.**
**муаллифи лоиҳаи энсиклопедии «Самарқандномa».**

*Минбари депутат*

# ИНСОНҲОИ МАЪРИФАТНОКРО ЧУН НАМУНА НИШОН ДИҲЕМ

***Баромади Президент Шавкат Мирзиёевро 20 январи соли равон дар ҷамъомади видеоселекторӣ оиди куллан такмил додани низоми корҳои маънавию маърифатӣ шунида, дар ҳаёти имрӯзу фардо ва фаровонии ҳаётамон воқеан муҳим будани масъалаҳои маънавиятро ҳис кардам.***

«Дар тарбия танаффус намешавад» – мегӯяд халқ. Вале узван пайвастагии корҳои маънавию маърифатӣ алҳол қонеъкунанда нест. Имрӯзҳо мактаб, боғча, таълими олӣ ва маҳаллаҳо дар ин бобат ба таври алоҳида кор мебаранд, ки ин айни ҳақиқат. Барои ҳамин вазифа гузошта шуд дар мактаб, муассисаҳои миёнаи махсус ва таълими олӣ сохтори тамоман нави корҳои маънавию маърифатӣ кор карда баровардa шуда, онҳо самаранок фаъолият баранд.

Имрӯз барои саводнок, соҳиби фазилат, бо маърифату маънавият тарбия намудани фарзандонамон таъмини муассисаҳои таълимӣ бо дастуруламал, кӯмаки методӣ ва адабиёти лозимӣ хеле зарур.

Фикр кунем, гӯё сеҳр ҳаст дар маҳалла, ки ба мо дилгармӣ мебахшад. Таърихи ба худ хос доранд маҳаллаҳо. Барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд ё гувоҳномаи ақди никоҳ низ ба маҳалла мерафтем, ба раиси маҳалла эҳтироми зиёд доштем, «раисбобо» мегуфтем. Тӯй ва маъракаҳо бе ризоияти ӯ намегузашт. «Ҳама ба ҳашар!» гӯяд, мардум сарҷамъ мушкилоти оилаҳоро осон месохт. Дар кушодани гиреҳи ҷиноят, оштӣ додани носозҳо ва масъалаҳои дигар маҳалла сару бар буд.

Аз нуқтаи назари маънавияту маданият мисле аз маҳалла то андозае дур шудаем. Бояд баҳри таъмини барқарории муҳити иҷтимоию маънавии маҳалла эътибори алоҳида нигаронем.

Дар асоси тамоюли «Як зиёӣ ба як маҳалла – ҳомии маънавӣ» таклиф карда шуд, ки ба ҳар як маҳалла профессорон-устодон ва зиёиҳо вобаста карда шаванд. Барои ба амал баровардани ин механизм ҳар яки мо бояд дар корҳои маҳаллаи худ фаъолона иштирок кунем. Масъулҳо бо кори худ банд шуда, дигарон худро канора кашанд, беҳтар шудани муҳити маънавии маҳалла осон намекӯчад.

Барои ин барпои инфрасохтор ба нақша гирифта мешавад. Президент дар марказй ҳудудҳо дар асоси лоиҳаҳои намунавӣ барпо кардани масканҳои маънавият ва маърифат, аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ҷудо кардани штатҳои иловагиро пешниҳод кард. Қайд гардид бо мақсади афзун сохтани самаранокии корҳои маънавию маърифатӣ, рушди адабиёт ва китобхонӣ дар ҳузури Фонди ҷамоатии «Эҷод» бунёди дастгирии маънавият ва эҷод ташкил карда шавад. Барои беҳтар сохтани муҳити маънавӣ, фикр мекунам, инсонҳои маърифатноки маҳалла ва оилаҳои намунавиро чун намуна ба дигарон нишон додан мувофиқи мақсад аст.

**Ӯрол ӮРАЗБОЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Имрӯзҳо дар мамлакатамон ба ҷавонон барои омӯзиши илм, касб ва ҳунар, намоён кардани истеъдодашон ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст.***

## Пеш аз муддат донишҷӯ шуданд

Онҳо баъди хатми мактаби таълимоти ҳамагонӣ, баҳри баланд бардоштани дониши хеш баробари таълимгоҳҳои кишварамон, дар таълимгоҳҳои бонуфузи олии хориҷӣ низ таҳсил гирифта метавонанд.

Яке аз таълимгоҳҳои беҳтарини намунавии Чуст мактаб-интернати давлатии рақами 7-уми ноҳия ба шумор меравад. Дар мактаб 326 нафар писарону духтарон таълим ва тарбия мегиранд. Соли хониши 2020-2021 аз 24 нафар хатмкунандагони таълимгоҳ, 19 нафарашон ба таълимгоҳҳои олии мамлакатамон ва хориҷӣ қабул шуданд.

Соли 2021 барои хонандагони мактаб-интернат омаднок буд. Хонандаи аълохони синфи 11-уми мактаби номбурда Сарварбек Усмонов аз имтиҳоноти фанни информатика ва IELTS бомуваффақият гузашт ва якбора ба ду донишгоҳи бонуфузи ИМА пеш аз муддат қабул шуд. Қобили қайд аст, ки вай ба миқдори 40 ҳазор доллар грантро низ ба даст овард.

Инчунин, боз ду нафар хонандагони мактаби номбурда Сарвархон Носирхонов ба донишгоҳи Британияи Кабир ва Умедҷон Алиев ба донишгоҳи Куриёи Ҷанубӣ пеш аз муддат қабул шуданд.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
Вилояти *НАМАНГОН*.

**Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ**

# ҲАР ЗАФАР ЗОДАИ АЗМУ ПОЙДОРИСТ

***Дар Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд омӯзгорон бисёранд, вале ҳамаи онҳо ҷанговари байналмилалу варзишгар, олиму ҷаҳонгаштаву забондон нестанд. Қаҳрамони мо, номзади фанҳои тиб Тӯра Эшқобилов аз чунин зумра шахсони соҳибэҳтиром аст, ки дар як ҷо ва дар як кафедра – анатомияи паталогия фаъолияти пурсамар мебарад.***

### Ёде аз бачагӣ

*Ту ба омӯхтан баланд шавӣ,*
*То бидонию арҷманд шавӣ!*

Ӯ дар мактаби миёна таҳсил мегирифт. Модараш мудири китобхонаи марказӣ буду падари бузургвораш ҳисобдори хоҷагии ҷамоатӣ. Ҷойи кори волидайн дар роҳи мактаб буд. Вай баъди дарс назди модар мерафт ва китобҳои расмдору рангаро кунҷковона варақ мезад.

Боре Тӯра саргарми китобҳо буд, ки бо нақлиёти боркаш ҷилд-ҷилд асарҳои ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ навиштаро оварданд. Китобхони хурдакак яке аз онҳоро интихоб карду ҳамроҳ гирифтан хост.

– Писаракам, – гуфт бо лабханд модараш Ойшакар Муродова, – ин асар барои ту нест. Калон шуда, табиб шавӣ, баъд мехонӣ. Онро алломаи Шарқ Ибни Сино навиштааст. Номаш «Ал-Қонун» аст. Хубтараш ана ин «Мактаби кӯҳна»-и Устод Айниро гир. Қиссаи шавқовар.

Тӯра бо маслиҳати модар онро гирифт. Воқеан, асар ниҳоят аҷиб будааст, ки дар муддати кӯтоҳ хонд. Сипас, бо кӯмаки модар ба дигар нависандагони номдор ошноӣ пайдо кард.

Гоҳ-гоҳ ба рӯзномаҳо хату хабар менавишт. Нахустин ҳикояаш бо номи «Дастат дард набинад, ҷиян» дар «Коммунизм сари» (ҳоло «Янги йўл»), ки дар ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё нашр мегардид, рӯйи чопро дид.

Меҳру муҳаббат ба касби хабарнигорӣ дар қалбаш маъво гирифту соли 1962 баъди хатми мактаби рақами 25-уми зодгоҳаш ба шаҳри Тошканд рафт, то ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи журналистикаи Донишгоҳи Осиёи Миёна супорад. Аммо ба ӯ гуфтанд, ки дар факултаи мазкур собиқаи дусолаи меҳнат лозим аст. Вай ба зодгоҳ баргашта коргари сохтмон шуд. Соле баъд модараш ба вай фаҳмонд, ки дар оила шифокор зарур.

– Самарқанд наздик аст, – гуфт модараш. – Зуд-зуд ба хона омада меравӣ.

Фарзанди сухангир дар асоси маслиҳати модар кор кард. Бахт ба рӯяш тофту донишҷӯи Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд гардид. Рӯзи қабул ректор Мӯсо Ҳаитов бо ҳуҷҷатҳои вай шинос шуду гуфт:

– Довталаб Эшқобилов, дар рӯйихати дохилшудагон шахси савум ҳастед. Ман таклиф мекунам, ки дар гурӯҳи аврупоӣ таҳсил кунед.

– Ташаккур, лекин ман русиро хуб намедонам.

– Ба шумо забони русиро меомӯзонанд, – исрор кард ректор.

–Ман розӣ, – даст сари сина гузошт довталаб.

– Ана ин гапи дигар. Табрик, шумо донишҷӯ.

### Ҳар кӣ ҷӯё шуд, биёбад оқибат

*Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад.*

Дертар, дар ҷараёни таҳсил Тӯра Ҷӯраевич аз ректор сипосгузор буд, зеро омӯхтани забони русӣ барои такмили ихтисосаш фоидабахш гардид. Қариб ҳамаи адабиёту барномаҳои таълимӣ ба забони русӣ буданд. Рост, аввал душворӣ кашид, аз баҳри истироҳат баромад, бо худомӯзӣ машғул шуд. Аз устодони меҳрубону сахтгир сабақ гирифт.



Дар тӯли шаш сол 54 маротиба аз фанҳои гуногун имтиҳон супурда, танҳо аз се санҷиш баҳои «хуб» гирифт, донишкадаро бо дипломи сурх хатм кард.

Маросими дипломсупорӣ ба вуқӯъ пайваст. Он шаби таърихӣ ҳамкурсонаш Мизроб Маҳмудов, Шавкат Раззоқов, Юлий Замонов, Магира Кубаева, Абдураҳмон Абдуллоев, ки ҳамеша якҷо дарс тайёр мекарданд, ҳамроҳ буданд, бо табъи болида якдигарро табрик мегуфтанд.

Ректор Ӯктамой Ваҳҳобова ба Тӯра Эшқобилов тантанавор диплом супорида таъкид намуд, ки пагоҳ ба ректорат ояд.

Вай бо амри роҳбари донишкада ба қабулаш омад. Дар утоқи кории ӯ чанд нафар ҳузур доштанд. Ӯктамой Каримовна зуд ба мақсад гузашт: ҳоло мо машварат карда, ба хулосае омадем, ки шуморо дар кафедраи анатомияи патологӣ ба кор гирем. Мудири кафедра профессор Олия Азизова тавсияномаи қаноатбахш дод.

Бояд таъкид намуд, ки кори дипломии ӯ низ бо кафедраи мазкур вобаста буд ва барои навиштани он Олия Мӯъминовна роҳбарӣ мекард.

Баъди оғози фаъолияти корӣ вай ба мудир гуфт, ки нияти навиштани рисолаи номзадӣ дорад.

– Хеле нағз, – фикри шогирдашро дастгирӣ кард Олия Азизова, – ман ба устодам Елизавета Маковская, мудираи кафедраи Донишкадаи тиббиёти ба номи Николай Пирогови шаҳри Винницаи Украина тавсиянома менависам ва ӯ шуморо ба аспирантура қабул мекунад.

Тӯра Ҷӯраевич дар тӯли се сол рисолаи номзадиро навишт ва онро соли 1972 бомуваффақият ҳимоя намуда, боз ба Самарқанд баргашт. Аввал ассистент, сипас досент гардид.

### Салом, Афғонистон!

Ин воқеа баҳори соли 1986 рух дод. Ӯро ректори донишкада Нуриддин Камолов назди худ хонда гуфт, ки бо вай вазири ҳифзи тандурустии ҷумҳурӣ Саидҷамол Баҳронов шахсан мехоҳад суҳбат намояд.

Рӯзи дигар Тӯра Ҷӯраевич бо ҳавопаймо ба Тошканд парид. Саидҷамол Баҳронов ӯро хуш пазируфт ва баъди саволу ҷавоб аз вай пурсид, ки чанд забонро медонад.

– Маърифатпарвар Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ гуфтааст, ки ҳар як мусулмон бояд чор забонро донад, – ҷавоб дод ӯ. – Ман забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ, русӣ, қароқалпоқӣ ва каме арабию англисиро медонам.

– Чӣ шумо дар Қароқалпоқистон хизмат кардед? – мароқ зоҳир кард вазир.

– Ҳамсарам Зархон Хоҷаниёзова аз ноҳияи Кегайлии Қароқалпоқистон аст, – гуфт ӯ.

– Хеле хуб, табассум кард Саидҷамол Баҳронов. Кӯшиш кунед, ки англисиро низ пурра омӯзед. Ҳозир ба утоқи 762-юм меравед ва баъди ҳуҷҷатҳоро таҳия намудан, шаш моҳ такмили ихтисос мекунед. Ана баъд нону насиба ба ягон кишвари Осиё хоҳад бурд.

Тӯра Ҷӯраевич фасли тобистону қисман тирамоҳро дар Тошканд гузаронд. Сипас, ӯро ба Маскав даъват карда гуфтанд, ки бо тавсияи Вазорати нигаҳдории тандурустии Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон меравад. Ин супориши Ватан аст.

Субҳи 18-уми августи соли 1987 Тӯра Эшқобилов бо завҷааш – табиби беморихои дохилӣ – терапевт ба Афғонистон парвоз намуд. Дар тайёрагоҳи Кобул шифокоронро вакилони Вазорати ҳифзи сиҳҳати кишвари ҳамсоя ва ходимони сафоратхонаи Иттиҳоди Шӯравӣ пешвоз гирифтанд. Пас аз соҳиби манзил шудан вохӯрӣ бо ректори Донишкадаи тиббиёти Кобул, академик Эъҷозӣ ба вуқӯъ пайваст. Намояндаи самарқандиро мушовири кафедраи анатомияи паталогӣ таъин намуданд. Ба вай донистани забони тоҷикӣ кор дод. Зеро аксарияти толибилмон ба ин забон ҳарф мезаданд.

Тӯра Ҷӯраевич ҳангоми хидмат дар кишвари ҳамсоя ба бисёр вилоятҳо сафар карда, чанд маротиба дар қисмҳои ҳарбии урдуи шӯравӣ меҳмон шуд. Алалхусус, зиёрати қабрҳои шоири зуллисонайн Алишери Навоӣ ва саркарда Заҳириддин Муҳаммад Бобур як умр ба хотираш нақш баст.

Баъди ду сол онҳоро ба сафоратхонаи Иттиҳоди Шӯравӣ таклиф карда, баъди арзи сипос гуфтанд, ки фурсати хидмат ба поён мерасад, бинобар ин ба шумо роҳи сафед.

### Лаби пир бо панд некӯтар аст

Ҳоло синни Тӯра Эшқобилов ба 77 расида бошад ҳам, чун ҷавонҳо зиндадилу чолок аст. Зеро як умр бо тарбияи бадан машғул мешавад. Ӯ бо некӣ карданy дил ба даст овардан барин хислатҳои хуби инсонӣ дар байни ҷамоаи донишкада ва толибилмон маҳбубияти хоса дорад.

Дар тӯли беш аз 50 соли фаъолияти педагогӣ ҳазорҳо нафар шогирдонро таълиму тарбия дод, ки онҳо на танҳо дар қаламрави Ӯзбекистон, инчунин дар Тоҷикистону Русия, Исроилу қитъаи Амрико ва ғайра кор мекунанд. Аз ҳама муҳимаш, бо ҳамсари меҳрубонаш худораҳматӣ Зархон Хоҷаниёзова панҷ нафар фарзандро ба воя расонд. Писари калониаш Зафарҷон дар Қашқадарё фермер аст. Сурайё аз паси падари бузургвор рафта, дар Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд омӯзгор мебошад. Маликабону мусоҳиби прокуратураи вилоят, Ҳасан дорушинос аст. Зӯҳро дар Донишкадаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони таълими халқи вилоят аз забони англисӣ сабақ медиҳад. Беш аз даҳ нафар набера ворисони муносиби сулолаи Эшқобиловҳо мебошанд.

– Бо Муроҷиатномаи Президенти кишвар ба Олий Маҷлис шинос шудам, – мегӯяд Тӯрабобо. – Боиси хурсандист, ки роҳбари давлат ба масъалаи таълиму тарбия, алалхусус таълиму тарбияи насли наврас, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва дастгирии кормандони соҳаи тандурустӣ ғамхорӣ зоҳир менамояд. Соли дастгирии ҷавонон ва таҳкими саломатии аҳолӣ номгузорӣ шудани соли 2021 масъулияти моро дучанд мекунад. Умед аст, ки маҳз ҷавонон ба Эҳёи савум таҳкурсӣ мегузоранд ва комёб мешаванд. Зеро зафар зодаи азму пойдорист.

**Ҷасур РИЗОЕВ,**
**ректори Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд.**
**Ҳ. ЗОҲИР,**
**узви Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон.**

## «ИДИ АЛИФБО»

Ба қарибӣ дар мактаби 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ чорабинии иди «Алифбо» баргузор шуд. Зери чапакзании бардавом хонандагони синфи якум бо роҳбаладии муаллим Шӯҳрат Нурназаров ба саҳна баромаданд.

Сипас ҳар як хонанда бо сарҳарфи номи худ байтҳо хонд. Ба рӯйи саҳна мизу курсиҳо гузошта шуд. Хонандагон ҷойи худро ишғол намуданд. Дониши онҳо аз навиштану хондан санҷида шуд. Онҳо ба саволҳои роҳбари мактаб Тангир Раҳмонов боварибахш ҷавоб доданд. Шеъру суруди зиёд дар васфи Ватан, модар, мактабу омӯзгорон сароида шуданд. Саҳначаҳои ҳаҷвии дар асоси афсонаи «Бузаки ҷингилапо» аз ҷониби хонандагони хурдсол иҷрогардида хеле ҷолиб буданд.

Ҷонишини директори мактаби ҳамсоя Тӯйбой Тӯев ва падару модарон ба Шуҳрат Нурназаров ва омӯзгорони дигар изҳори миннатдорӣ намуданд.

Иди «Алифбо» бо шиори раҳмат ба ту «Алифбо», хуш омадӣ, китоби «Хониш» анҷом ёфт.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
*ноҳияи НУРАТО.*

*Арзи сипос*

# Аз духтурон шоду мамнунам

Инсон фақат баъди беморӣ ба қадри саломатии худ мерасад. Барои барқарории он умед мебандад ва ширинии ҳаётро дарк мекунад. Дар ҷисму ҷони худ беморииро ҳис мекардам ва гоҳо он маро хеле азият медод. Соли нав фаро мерасид ва ҳама бо кайфияти хубу аъло аз пайи истиқбол гирифтани соли нав буданд. Аммо дарди ман рӯз аз рӯз шиддат мегирифт ва азиятам меафзуд. Таваккал кардаму ба маркази илмии онкологии вилоят омадам ва ба духтурони он муроҷиат кардам. Ба қабули ҷарроҳи тоифаи олии шуъбаи ҳаракати сару гардан ва онкологияи кӯдакон Дилшод Сулаймонов даромадам ва дар бораи дарде, ки маро азият медиҳад, шикоят кардам. Мудири шуъбаи мазкур Отабек Каримов, пизишк-ҷарроҳ Нигорахон Муйдинова низ ин ҳарфҳои маро шуниданд. Баъд варақаи бемориам ва натиҷаи муоинаҳои тиббиро, ки тавассути дастгоҳҳои гуногуни замонавӣ муайян карда будам, аз назар гузарониданд.

– Шумо ҳаргиз ноумед нашавед. Мо машварат мекунем ва роҳи шифоёбии шуморо меҷӯем. Умедворам, ки сабабгори барқарор шудани саломатии шумо мешавем, – маро бо меҳрубонӣ хотирҷамъ карда гуфт Дилшод Сулаймонов.

Дили касе, ки ба ҷони дигарон месӯзад, ҳаргиз камиро намебинад. Пизишкон дастаҷамъона ба муолиҷа шурӯъ карданд. Навбат расиду маро ба мизи ҷарроҳӣ хобониданд. Ин ҷарроҳӣ панҷ соат давом кардааст. Намедонам, ки дар ин фурсат пайвандону дӯстонам дар берун ба кадом ҳол афтодаанд ва аз сарашон чиҳо гузашт.

Вақте ки ба ҳуш омадам, болои сарам Дилшод Сулаймоноврo дидам, ки бо табассум ба рӯям менигарист. Аз чеҳраи нурбораш маълум буд, ки ҳама кор хуб аст. Ман дарк намудам, ки саломатиам минбаъд беҳтар мешавад ва аз азобу азияти дарди ҷонкоҳ наҷот меёбам.

Бояд зикр кунам, ки то рӯ ба рӯ шудану мавриди муолиҷа қарор гирифтанам ба куҷо нарафтаму дари кадом сервизҳои тиббиро охурча накардам. Акнун пушаймонам, ки мустақим ба назди пизишки худамон ояму дарду доғамро ба вай гӯям. Шукри Худовандро мекунам, ки дасти Дилшод Сулаймонов ба ҳайси ҷарроҳ сабук будааст!

Шояд мисли ӯ пизишкони донову заковатманди соҳаи худ дар вилоятамон кам нестанд. Маро Дилшод умри дубора бахшид. Фикр мекунам, ки ин пизишки ҷарроҳ яке аз фарзандони ҷоннисор, фидоӣ, содиқи халқу Ватан ва касбу кори худ мебошад. Нуктаи дигареро, ки баъди дар ин шифохона шифо ёфтан дарк намудам, ҳалолу пок будани пизишкон аст. Онҳо на барои пулу мукофот, балки барои шифо бахшидани одамон шабу рӯз заҳмат мекашиданд.

Масъулият нисбати касби худ ва муомилаву муносибати накӯ бо беморон низ аз фазилатҳои беҳтарини инсонӣ аст, ки дар ин ҷо пай бурдам. Ба пизишкони ин даргоҳи барқароркунии саломатӣ Отабек Каримов, Нигорахон Муйдинова, Дилшод Сулаймонов ва дигар пизишкону хоҳарони шафқат ибрози сипос менамоям. Дасташон ҳаргиз дардро набинад!

**Зоҳир СУЛТОН,**
**сокини деҳаи Демирсади ноҳияи Сӯх.**

Маконҳои зиёратӣ

# ОЁ «ДИЁРИ АЗИЗОН» БА ИН ҚОДИР АСТ?

***Дар доираи қарори Девони Вазирон аз 15 феврали соли 2018 «Дар бораи самаранок ташкил кардани корҳои ободонии қадамҷойҳои муқаддас, зиёратгоҳ, масҷид ва қабристонҳо» дар ноҳияи Чусти вилояти Намангон корҳои зиёд амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар ноҳия барои ҳифзи объектҳои моддиву маданӣ, ба авлоди оянда дар шакли пурра расондани он Бунёди ҷамоативу хайриявии «Диёри азизон» ташкил карда шуд.***

– Бо кӯмаки ҳамкор ва ҳомиҳои саховатпеша таърихи зиёда аз 40 объекти қадима омӯхта, ҳадди имкон таъмир карда шуд, – гуфт раиси бунёд Собирхон Мӯъминов. – Масъалаҳои инвентаризатсия ва бартарафсозии камбудиҳое, ки дар натиҷаи омӯзиш муайян гардиданд, дар сессияи шӯрои ноҳиявӣ маврди муҳокима қарор гирифт. Дар натиҷа бо ҳамкории департаменти ҳифзи объектҳои мероси маданӣ 28 объект ба рӯйхати кадастри давлатӣ гирифта шуд.

Аммо дар соҳа муаммоҳое, ки ҳаллу фаслашонро интизоранд, зиёд аст. Дар давоми 10-15 соли охир бо мақсади васеъ гардондани заминҳои фермерӣ талу теппа ва кӯҳпояҳои Тиллотеппа ва Қизилтеппаи деҳаи Қайирма, Мунчоқтеппаи байни деҳаҳои Ёрқишлоқ ва Тепақӯрғон азхуд карда шуд.

Масҷиди Абдулмалики деҳаи Ғова, ки соли 1912 сохта шудааст, дар савдои музояда фурӯхта шуд.

Раиси бунёд С. Мӯъминов моро ба назди бинои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Камарсада бурда гуфт, «ин қадамҷоест, ки ман ба шумо нишон доданӣ будам». Аз қафои деворе, ки бо хишти пухта сохта шуда, бо ин бино пайваст буд, садои тарақ-туруқ меомад.

– Соҳибкоре дар ин ҷо корхонаи мебелбарорӣ кушодааст, садо аз ҳамон ҷой меояд, – эзоҳ дод раис.

Маълум шуд, ки дар «тақдир»-и масҷиди Қӯшҳавз, ки таърихи 170-сола дорад, чунин рӯзҳо навишта шудааст... Вақте корҳои ободонии масҷид оғоз ёфту дар онҷо осорхона ва гузари маҳалларо ташкил карданӣ шуданд, «соҳиб»-и он пайдо шуд.

Соли 2019 бо қарори ҳокими ноҳия мавзеи мазкур ба соҳибкоре супурда шуд ва ӯ дар як қисми он сехи мебелбарориро ба кор даровард. Қисми боқимондаи 8 сотихи он фурӯхта шуд. Харидор вақте пойдевори хонаву ҷойро гузошт, аҳолии маҳалла норизо шуданд ва ӯ кори оғознамудаашро боздошт.

Ба гуфти истиқоматкунандаи куҳансоли маҳалла Расулҷон Самиҷонов овоз ва садоҳои сех ба осудагии аҳли маҳалла халал мерасонад.

– Дар ин бора аз номи аҳолӣ ба ҳокими ноҳия борҳо муроҷиат кардем, аммо масъала ҳаллу фасли эҷобиашро наёфт. Соҳибкор бошад, сарфу хароҷоташро дар роҳи барпои сех баҳона мекунад ва металабад, ки ба ӯ аз назди роҳи калон замин ҷудо кунанд, – гуфт Р.Самиҷонов. – Дар ин ҳолат аҳволи пиронсолу ногиронҳо, беморону кӯдакони хурдсолро касе фикр намекунад. Дар ин росто мулоҳизаҳои сарвари давлат оиди розӣ кардани мардум ба ёд мерасад.

Дар давоми чандин сол чорабиниҳои маънавиву маърифатӣ, ҷашнҳо ва маросимҳои гуногуни маҳалла дар ҳамин ҷо гузаронида мешуд. Ҳоло ҳеҷ кас намедонад, ки дарвозаи нақшинкори қадимаи масҷид, гилемҳо, дегу ҷойгаҳҳои маҳалла куҷо рафтааст?

Яке аз маскани маданиву таърихии Варзик «Сари қалъа» ном дорад. Назар ба маълумотҳо, маскан таърихи 4-ҳазорсола дорад. Вақтҳое буд, қадамҷойи мазкур барои аҳли деҳа вазифаи сарпаноҳро аз душман, гармову сармои обу ҳаворо иҷро мекард. Имрӯз он рӯ ба харобӣ овардааст. Ба гуфти куҳансолон, солҳои пеш дар ин ҷо мардум ҷашни Наврӯзро пешвоз мегирифтанд. Аз ин ҷо осорхонае, ки таърихи деҳаро инъикос мекард, ҷой гирифта буд.

Ҳоло вақти он расидааст, ки каму костиҳои чунин зиёратгоҳу мавзеъҳои муқаддасро бартараф намуда, онро ба насли оянда расонем. Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки бахшида ба масъалаи маънавияту маърифат гузаронида шуд, роҳбари давлат таъкид кард, ки «Агар ҷисми ҳаёти ҷамъият иқтисодиёт бошад, маънавият қалб ва рӯҳи он аст». Бинобар ин мутасаддиёни соҳа бояд ба ин масъала боэътибор бошанд.

Аз мулоҳизаҳои болоӣ бармеояд, ки дар ноҳияи Чуст мушкилиҳо оиди ҳифзи қадамҷоҳои таърихӣ зиёданд.

Оё Бунёди ҷамоатии «Диёри азизон» қодир аст чунин мушкилотро ҳаллу фасл намояд?

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ЭРОН ОРОМГОҲИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНИРО БОЗСОЗӢ МЕКУНАД

**Вазири мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноати дастии Эрон омодагии ин вазоратхонаро барои кӯмак ба бозсозии усулии мақбараи Абурайҳони Берунӣ дар Афғонистон эълом кард**

Алиасғари Мӯнисон – вазири мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноати дастии Эрон аз Муҳаммадҳасани Толибён, муовини вазири мероси фарҳангии ин вазоратхона хост, бо таваҷҷуҳ ба ин ки мақбараи Абурайҳони Берунӣ дар шаҳри Ғазнии Афғонистон вайрон шудааст, дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти ин кишвар барои бозсозии оромгоҳи Абурайҳони Берунӣ, донишманд ва риёзидони эронӣ ҳарҷӣ сареътар иқдом кунад, иттилоъ додааст ИРНА.

Мӯнисон афзуд, Эрон дониши хубе дар заминаи мариммат ва бозсозии биноҳо ва маконҳои таърихӣ дорад ва коршиносони барҷастае низ дар ин ҳавза фаъолият мекунанд, бар ин асос дар бозсозии усулии мақбараи Абурайҳони Берунӣ ба кишвари Афғонистон кӯмак мекунем, то шоҳиди мақбарае дар шаъни ин донишманди барҷастаи эронӣ бошем.

Абурайҳони Берунӣ сеюми зулҳиҷаи соли 362 дар рустое дар атрофи Хоразм ба дунё омад ва соли 440 дар Ғaзнӣ (Афғонистони имрӯзӣ) вафот кард.

Вай афзун бар забони форсӣ ба арабӣ, ибрӣ, сурёнӣ ва санскрит ва эҳтимолан юнонӣ низ мусаллат буд ва осори зиёде аз вай дар улуми мухталиф, аз ҷумла дар нуҷум ва илми гоҳшуморӣ ва тақвим барҷой мондааст.

# РАССОМИ 17-СОЛА ҒОЛИБИ ОЗМУНИ «ФЛОРЕНСИЯИ ДАВРАИ ЭҲЁ» ШУД

***Дар шаҳри Пезарои Италия фестивал-озмуни ҳарсолаи рассомон ва тарроҳони ҷавон баргузор гардид, ки он мунтазам дар доираи лоиҳаи хайрияи «Angeli» ташкил карда мешавад.***



Хабарнигори АИ «Дунё» бо асосгузори лоиҳаи хайрияи «Angeli», узви Ассотсиатсияи фарҳангии «Verbumlandiart»-и Итолиё Аида Абдуллоева сӯҳбат кард, ки дар бораи лоиҳа ва фестивал-озмуни худ, ки бачаҳо аз Ӯзбекистон низ дар он ширкат варзиданд, нақл кард:

— Кӯдакӣ ин як давраи беғамест, ки эътимод ба одамон бепоён аст, вақтест, ки ҳеҷ чизи ғайриимкон нест, вақтест ки ҷаҳони атроф бо рангҳои тобон ва шодмон дида мешавад. Бачагӣ барои ман овози навозишомези модар, нигоҳи пурмеҳри падар, овозҳои бачагонаи берун аз тиреза, маззаи кулчаи гарм, шилдироси оби ҷӯйбор, сепояи рассомӣ , рангҳо ва орзуҳост ... орзуҳо ... орзуҳо ...

Кӯдакон ҳамеша ва дар ҳама ҷо орзу мекарданд, орзу мекунанд ва орзу хоҳанд кард. Ва орзуҳо, тавре ки маълум аст, бояд амалӣ шаванд. Ва ҳоло ман ҳама чизро ба анҷом мерасонам, то ки ба касе дар амалӣ шудани хаёлоташ кӯмак кунам.

Маҳз бо ин мақсад лоиҳаи «Angeli» соли 2014 ташкил ёфтааст, ки он бо ҳадафи асосии худ ҷустуҷӯ ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон, инчунин таҳкими робитаҳои дӯстона ва эҷодии байни Ӯзбекистони азиз ва Итолиёи маҳбубро интихоб кардааст. Дар доираи ин лоиҳа фестивал-озмуни ҳарсолаи рассомон ва тарроҳони ҷавон, ки мунтазам дар шаҳри Пезаро баргузор мешуд, ташкил карда шуд.

Ин ҷашнвора ба кашфи номҳои нав кӯмак кард, инчунин риштаи пайвасте гардид, ки ба иттиҳоди эҷодии ҷамоаи омӯзгорон ва шогирдони Мактаби интернати махсуси ҷумҳуриявии санъати шаҳри Тошканд овард.

Дар ҳамкорӣ бо ин одамони аҷиб, ки ба кишварашон муҳаббати беандоза доранд, ба коре, ки онҳо ҳаёти худро ба он бахшидаанд, озмун ба вуҷуд омад, ки дар он мусиқорон низ ба ширкат варзидан пардохтанд.

Ба муносибати вазъи кунунии ҷаҳон марбут ба пандемия, имсол озмун дар шакли онлайн баргузор гардид. Дар он донишҷӯёни МИМҶС ва дигар муассисаҳои таълимии Ӯзбекистон ширкат варзиданд.

Мавзӯи имсола ба Флоренсияи давраи Эҳё ва сулолаи машҳури Медичиҳо бахшида шуда буд, ки онҳо аз сабаби он, ки бо сарпарастӣ ва рушди санъат ва фарҳанг шуғл варзидаанд, бо ин давраи таърих робитаи ҷудонопазир доранд.

Гран-прии имсоларо рассоми 17-солаи Ӯзбекистон Милод Исмоилов ба даст овард, ки бо истифода аз тасвири пайкараи Дэвид кори Микеланджело нақши тақлидии Флоренсияро бо қалам офарид.

Ба ҳайати ҳакамони озмуни ҷорӣ намояндагони фарҳанги Италия — стилист-дизайнери маъруф Элеонора Алтаморе, ҳайкалтарош Лоренза Алтаморе, рассоми графикаи компютерӣ Мигуэл Анҷел Акоста Лара аз Мексика, рассом ва вокалист Соня Иакетти, рассом Патритсия Делла Валле, президенти Ассотсиатсияи «Verbumlandiart» Реҷина Реста, президенти Академияи байналмилалии мусиқӣ ва санъат Эдда Силвестрӣ, ки 7 сол директори Консерваторияи Рим «Санта Чичилия» буд, шомил буданд.

Дар кори ҳайати ҳакамон, ки онлайн баргузор шуд, сафири Ӯзбекистон дар Италия Отабек Акбаров, консул Мунира Низомова, муовинони директор оид ба корҳои эҷодии МИМҶС Сардор Неъматов ва Рустам Турғунов ширкат варзиданд.

Ғолиби Гран-при ба сифати ҷоиза ҳуқуқи будубоши якҳафтаина дар Итолиёро бо боздид аз Рим ва Флоренсия ба даст овард, ки дар он ҷо яке аз намояндагони оилаи ашрофи Медичӣ ба ӯ дипломи хотиравии ғолибро тақдим мекунад.

Зиндагӣ дар як ҷо намеистад, як наслро насли дигар иваз мекунад, аммо новобаста аз он ки дар ҷаҳон чӣ мешавад, кӯдакон ҳамеша ва дар ҳама ҷо орзу мекарданд, орзу мекунанд ва орзу хоҳанд кард. Ва мо бояд ҳама чизи имконпазирро барои амалӣ шудани онҳо анҷом диҳем, зеро орзуҳо бояд амалӣ шаванд!

**АИ «Дунё»,**
РИМ.



# ҶАШНИ САДА БАРПО ШУД

**31-уми январ дар Боғи фарҳангию фароғатии Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе бо ибтикори Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷашни Сада бо шукӯҳу шаҳомати хосса ва намоиши ниҳолҳою тухмии зироат, олоти кории деҳқонон, анвои гуногуни таомҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҷлил карда шуд.**

Он рӯз фазои боғ идона буда, дар ҳар гӯшаи он кишоварзон аз минтақаҳои гуногуни мамлакат маҳсули бо ранҷ парваридаи худро, ки хоси он минтақа мебошад, инчунин олоти кории кишоварзӣ, тухмии зироат, техникаи соҳавӣ, хӯрокҳои миллӣ, гулу буттаҳои ороишӣ ва дигар маҳсулотеро, ки ифодагари ҷашни Сада мебошанд, пешниҳоди ҳозирин гардониданд.

Ниёгони мо панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯзро то ҷашни Наврӯз ҳисоб карда, Садаро таҷлил мекарданд. Яъне Сада ҷашни омодагӣ ба Наврӯз буда, ин ду ҷашни қадимӣ ба ҳам тавъам мебошанд. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ, сабаби Сада номгузорӣ шудани ин ҷашн низ дар ҳамин аст.

Ҷашни Сада аз омодагӣ ба кишту кори баҳорӣ, покиза намудани кӯчаву хонаҳо, кандану тоза кардани ҷӯю заҳбурҳо пайк медиҳад. Дар гузашта сокинони шаҳр ва рустоҳо барои оташафрӯзӣ ҳезум ҷамъ оварда, гулхани бузурге меоростанд ва аз болои оташ парида, дар гирди он давр гаштаву сурудхонон мерақсиданд. Дар натиҷа, меҳру муҳаббат, якдилӣ, дӯстиву рафоқати одамон зиёд мегардид.

Аз аҳди бостон то ин дам мардуми кишоварз ҳар сол иди Садаро интизорӣ мекашанд. Бо ин умед марди деҳқон каландашро ба замин мезанад, то баҳори имсола низ сабаби рӯсурхии ӯ гардад. Деҳқон дар айёми ҷашни Сада тухмиҳои хушсифати зироат ва нуриҳои заруриро дастрас намуда, олоти корӣ ва заминро барои кишти баҳорӣ омода менамояд. Ҷӯйбору заҳкашҳоро тоза карда, яхобмонӣ, обшӯй намудани заминҳои шӯр, ворид намудани нуриҳоро амалӣ мекунанд. Ҳамчунин шохабурӣ ва башаклдарории дарахтонро ба анҷом расонида, чорабиниҳоро ҷиҳати мубориза бо зараррасону касалиҳо иҷро менамоянд.

Дар ин рӯз чун анъанаи ҷашни Сада аз ҷониби кишоварзон дастархони ҷашнӣ ороста шуда буд. Дар дастурхони ҷашнӣ, тибқи оини аҷдодӣ бештар донагиҳо (гандум, лӯбиё, нахӯд, наск, мош, арзан ва ғайра), инчунин хӯрокҳои хушлаззат – мошкичирӣ, нахӯдшӯрак, кашк, далда, каллапоча, ширбиринҷ, ширкаду, ширрӯған, қурутоб, фатирмаска, дӯғҷӯшӣ, умоч, шӯрбо ва ғайра пешниҳоди меҳмонон гардонида шуданд.

Бояд гуфт, ки дар замони соҳибистиқлолӣ ҷашни Сада баробари дигар маросиму суннатҳои миллӣ умри дубора пайдо карда, таҷлили ҳарсолаи он ба ҳукми анъана даромад ва дар радифи ҷашнҳои миллӣ ба қонунгузории мамлакат ворид гардид.

Имсол низ чун анъана Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокдорони ҷашнвора ва халқи Тоҷикистон паёми табрикии худро ирсол намуд.

Шоири маҳбубу хушбаён, муаллифи суруди миллии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ дар шеъри «Ҷашни Сада» ин идро ба сӯи Наврӯз раҳкушоянда номида, хеле зебо ва дилнишин мегӯяд:

*Сада сад раҳ кушояд*
*сӯйи Наврӯз,*
*Ба рӯйи мо намояд*
*рӯйи Наврӯз.*
*Сано гӯям ба ин ҷашни ниёгон,*
*Ки дар сармо расонад бӯйи*
*Наврӯз.*

**АМИТ «Ховар».**

# МУЗЕЙ ДАР МАКТАБ

***Синтоб бузургтарин деҳа мебошад дар бағали қаторкӯҳҳои Нурато. Мавзеъҳои Қӯрғон, Фозилмон, Кадбон, Ҷавак, Козбон ва чашмаҳои Аккову Туфан ва чанди дигар аз таърихи куҳани деҳаи Синтоб шаҳодат медиҳанд. Мардум аз таърихи қадими деҳаи худ ифтихор доранд.***



Синтоб деҳаест ҳамеша ҷавон. Деҳа ду муассисаи таълимӣ, кӯдакистон, китобхонаи оммавӣ дорад. Чорто биноҳои сайёҳӣ дорад, ки ҳоло дутои он фаъолият мебарад. Борҳо шоҳид будем, дар тӯю маъракаҳои Синтоб сайёҳон аз Фаронса, Олмон, Британиёи Кабир ва дигар давлатҳо иштирок намуда, рақсу бозӣ кардаанд. Ба шодию хурсандии синтобиён шарик шуда, аз фарҳангу маданияти мардум бахра бурдаанд.

Чанде пеш ба мактаби рақами 49 рафтам, бо омӯзгорон оиди обуна ба рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Ховар» суҳбат доштам. Чун аз мактаб берун омадам, ҷавоне наздам омада, худро муаррифӣ намуд:

– Ғолиб Мирзоев, хатмкардаи факултаи таърихи Донишкадаи омӯзгории Тошканд.

Дар мактаб аз фанни таърих дарс мегузаштааст. Моро ба коргоҳи фанни таърих таклиф намуд. Ҳамроҳ бо роҳбари муассисаи таълимӣ Боймаҳмад Ниёзов вориди коргоҳ шудем. Дар тааҷҷуб мондам. Дар се ҷевони сехонадор ва бурҷи синфхона экспонатҳо гузошта шудаанд. Музей тақрибан 700 коллексия дорад. Асбобҳои рӯзгор, кӯза, чархҳои ресандагию бофандагӣ, омоч, пулу тангаҳо чун экспонат ба намоиш гузошта шудаанд. Музей рамзи пайванди дирӯз, имрӯз ва оянда аст. Коллексияҳои он чун сарчашмаи моддии таърихӣ хизмат менамоянд. Ҳар як хонанда метавонад пас аз шиносоӣ бо асбобҳои рӯзгори гузашта аз ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо, тарзи зиндагию намудҳои ҳунармандӣ огоҳ шавад.

– Ман дер боз дар орзуи ташкил намудани осорхонаи мактаб будам, – мегӯяд муаллим Ғолиб, – ба орзуям расидам. Коллексияҳои музейро аз хонадонҳои одамон дарёфт кардем. Роҳбарияти мактаб ба ташкил намудани музей аз наздик мадад намуданд.

Ғолиб ҷавони ҷӯянда будааст. Бо шавқи пурифтихор аз таърихи куҳан ва навини Синтоб ҳарф мезанад. Аз дастпарварони мактабҳои деҳа ифтихор дорад. Ҷонибеки Қувноқ, профессор Додо Нозил, шоирон Паймон, Абдулло Субҳон, Пайғом, ки волидонашон синтобианд, устод Бекназари Тӯйназар ва даҳҳо нафар шахсони варзида мактаби Синтобро хатм намудаанд. Ӯ тавонистааст дар қалби шогирдон шарораҳои илму донишро фурӯзон гардонида, эҳсоси арзишҳои миллиро дар шуури хонандагон бедор намояд.

Омӯзгори ҷавон ҳамеша дар ҷустуҷӯ, пайваста меомӯзад, месӯзад то бисозад.

– Орзу дорам, – мегӯяд Ғолиб Мирзоев, – то ҷавонони соҳибмаърифат, донишманду худшинос, озодандешро таълиму тарбия диҳам.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**ноҳияи Нуратои**
**вилояти Навоӣ.**

Варзиш

# Зинаи ниҳоӣ баргузор гардид

**Бо ҳамкории ҳокимияти вилоят, шуъбаи вилоятии Федератсияи шоҳмот, Садорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар коллеҷи захираҳои олимпии Самарқанд давраи ниҳоии мусобиқаи моҳонаи шоҳмот таҳти шиори «Дӯстдори варзиш бош, бо варзиш зиндагӣ кун!» баргузор шуд.**

А.Абдуҳакимов, ҷонишини Сарвазир ва раиси Кумитаи рушди сайёҳии Ӯзбекистон, Б.Нуруллоев, ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд ба сухан баромада таъкид намуданд, ки бозии шоҳмот бояд дар миёни аҳолӣ, бахусус, дар байни ҷавонон васеъ паҳн гардад. Зиёд кардани шоҳмотбозони касбӣ ва гроссмейстерҳо низ аз масъалаҳои муҳими рӯз аст.

Дар ин мусобиқа беш аз 200 нафар шоҳмотбоз, ки дар марҳилаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ ғолиб шудаанд ва беш аз 50 нафар ҳаваскор иштирок карданд.

– Моҳонаи шоҳмот бо мақсади таъмини иҷрои Қарори Президент «Дар бораи чораву тадбирҳои минбаъд ривоҷ додан ва оммавӣ гардондани шоҳмот, инчунин такмил додани сохтори бозомӯзии шоҳмотбозон» гузаронида шуд, – гуфт довари байналхалқии шоҳмот А.Воҳидов. – Гузаронидани чунин мусобиқаҳо таваҷҷӯҳи ҷавононро ба шоҳмот зиёд карда, ба рушди ин навъи варзиш дар мамлакат мусоидат менамояд. Мо ният дорем, ки чунин мусобиқаҳоро дар ҳар як шаҳру ноҳияи вилоят мунтазам ба роҳ монем.

Мурод Амирқулов, намояндаи ноҳияи Нарпай дар миёни мардон ғолиб гардид. Музаффар Ӯсарови ургутӣ ва Содиқ Қаюмови пайариқӣ дар сатрҳои дувум ва савум ҷой гирифтанд.

Дар миёни бонувон Марҷона Маликова аз Оқдарё ғолиб шуд. Роҳила Тошботирова аз Пахтачӣ ва Муҳаррам Эшпӯлатова аз Ургут соҳиби ҷойҳои дувуму савум шуданд.

Ҳамчунин, дар мусобиқаи шашка Аббос Равшанови каттақӯрғонӣ дар миёни мардон ғолиб омад. Маҳбуба Халилова аз шаҳри Самарқанд дар миёни бонувон сазовори ҷойи якум шуд.

Илова бар ин, гроссмейстерҳои байналхалқӣ Тоҳир Воҳидов, Алексей Баротов ва Алӣ Қосимов ба шоҳмотбозони ҷавон мастер-класс гузаштанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-225. Адади нашр 980, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.